# ҲУКУМАТИ ИМА ПЕШГИРИИ НИЗОЪРО ТАВАССУТИ ТЕАТР ТАЪЛИМ МЕДИҲАД

**Душанбе, Тоҷикистон, 8 июни соли 2010** - Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) силсилаи нахустини барномаҳои омӯзишии худро оиди ҳалли низоъ тавассути театр ба анҷом расонид. Чил нафар аз омӯзгорон, кормандони созмонҳои ғайридавлатӣ ва мутахассисоне, ки бо ҷавонон кор мекунанд, истифодаи театрро барои коҳиш додани низоъ ва мусоидаткунӣ ба ҳалли низоъ дар семинари интерактивии ҳафтрӯзаи "Омӯзиши омӯзгорон (ToT)", ки аз 31 май то 6 июн дар Варзоб баргузор гардид, омӯхтанд. Шарики иҷрокунандаи USAID IREX дар мавзӯи "Драма барои тағйирдиҳии низоъ" тариқи лоиҳаи "Театри Ҷавонон барои сулҳ" семинар доир намуд.

Тренерон сабабҳои низоъ дар деҳаҳову ҷамоатҳояшонро мавриди муҳокима ва таҳлил қарор дода, тарзи эҷод ва ба саҳна гузоштани намоишҳои кӯтоҳро дар мавзӯи низоъ ва ҳамчунон роҳҳои ҷалб кардани тамошобинон ба муколамаи созанда оиди мушкилиҳои дар саҳна пешкашшударо омӯхтанд. Гарчанде ширкаткунандагон намояндагони ду вилоят - Хатлон ва Суғд бошанд ҳам, ба ҳамдигар зуд унс гирифтанд. "Театр барои ҳамдигарфаҳмӣ як силоҳи қавӣ мебошад ", гуфт Кароматt Ҳоҷиева, корманди созмони ғайридавлатии "Маҳбуба" аз ноҳияи Вахши вилояти Хатлон. "Ростӣ, ман аз ин гуна фазои гарму дӯстона дар семинар умед надоштам. Бо вуҷуди он ки мо як миллат ҳастем, байни вилоятҳои мо тафовутҳо дар оинҳо, урфу одатҳо ва лаҳҷаҳо вуҷуд доранд. Дар семинари мазкур монеаҳо бартараф шуданд ва мо як оила гаштем. Дар театр ниёз ба тарҷумон нест - забон ва миллат аҳамият надорад. Мо метавонем ин усулҳоро дар зиндагиамон ҷиҳати такмили фарҳанг, ҳунар ва ҳамдигарфаҳмӣ ба кор барем."

Ҳамчунон тренерон як силсила лагерҳои тобистонаро барои 100 нафар ҷавон аз ноҳияҳои осебпазир ва мутамоил ба низоъ дар вилоятҳои Суғду Хатлон мегузаронанд. Пас аз хотимаёбии лагерҳои мазкур ширкаткунандагон сафарҳои театрӣ доранд, ки аз намоиш додани саҳначаҳо дар деҳаҳои гуногун ва мусоидаткунӣ ба муколама оиди масоили низоъ ва ихтилоф иборатанд. Ҳадаф аз такмил додани маҳорати ҷавонон ҷиҳати ҳалли мусолиматомези низоъ иборат аст.

Лоиҳаи "Театри Ҷавонон барои сулҳ" аз равиши ҳунарӣ истифода мекунад, ки ҳадафи он аз густариши пешгирии устувори низоъ дар сатҳи ҷамоат тавассути ташвиқи тағйирдиҳии муносиботу рафтори ҷавонон иборат аст. Ин усул театрро барои ҷалби аъзои ҷамоат ҷиҳати муайян кардани роҳи ҳалли мушкилоти маҳаллӣ мавриди истифода қарор медиҳад.

Лоиҳаи "Театри Ҷавонон барои сулҳ" яке аз лоиҳаҳое зиёде кӯмакдиҳандае мебошад, ки мардуми Амрико тариқи Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) барои дастгирии мардуми Тоҷикистон пешниҳод намудааст. Аз соли 1992 инҷониб мардуми Амрико ба барномаҳое, ки муассисаҳои демократӣ, тандурустӣ, маориф ва рушди иқтисодро дар Тоҷикистон ҳимоят мекунанд, 900 миллион доллар ҷудо кардааст.